**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид ба диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)**

Восидиён Фарҳод Саъдулло, 26-уми январи соли 1985 таваллуд шудааст. Соли 2006 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намуда, аз соли 2007 ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият намуд. Восидиён Ф.С. фаъолияти кориашро аз 2007 дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, то айни замон дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст.

Солҳои 2007-2012 ба ҳайси мутахассиси Шуъбаи таҳлили макроиқтисодии Раёсати таҳлили макроиқтисодӣ ва иттилооти маҷмӯӣ, мутахассиси пешбари Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, мутахассиси пешбар ва сармутахассиси Шуъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва иттилооти маҷмӯии Раёсати таҳлили макроиқтисодӣ ва иттилооти маҷмӯии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2012-2015 сармутахассиси Раёсати ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди бахши хусусии Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015 муовини Сардори Раёсат -сардори Шуъбаи рушди илм, инноватсия ва захираҳои иттилоотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2018 муовини сардори Сарраёсат - сардори Раёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 2018-2021 сардори Сарраёсати таҳлили

макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2021, №4 ба вазифаи муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, фаъолият намуда истодааст.

Соли 2021 ба сифати унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисоди донишгоҳи мазкур корҳои илмию таҳлилии худро идома додааст. Ҳангоми таҳсил ба ҳайси унвонҷӯй тадқиқоти илмии худро дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бурдааст.

Ҳангоми таҳсил Восидиён Ф.С. худро ба сифати муҳаққиқи навқадами боғайрат, ташаббускор ва санҷидакор нишон дода тавонист. Яъне, раванди фанҳои назариявии таълимиро вобаста ба талабот бо сатҳу сифати аъло азхуд намуд, дар чорабиниҳои илмӣ ва конфронсҳо бо масъулияти баланд иштирок кард.

Унвонҷӯ Восидиён Ф.С. дар ҷараёни таҳсил имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) (5-аъло), суртаҷаласаи №4 аз 15.11.2023), таърих ва фалсафаи илм (4-хуб), суртаҷаласаи №57 аз 15.03.2024), имтиҳони номзадиро аз ихтисоси 08.00.01-Назарияи иқтисодӣ (5-аъло), суртаҷаласаи №1 аз 04.09.2024) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Восидиён Ф.С. дар давоми солҳои таҳқиқотӣ ҷиҳати омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи низоми банақшагирии стратегӣ дар семинарҳои омӯзишӣ, аз ҷумла Канада, Фаронса, Австрия, Малайзия, Хитой, Филиппин, Япония Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон фаъолона иштирок намудааст. Маводҳои таҳлилиро аз натиҷаи курсҳо ва семинарҳо дар диссертатияи худ истифода намудааст, ки мазмуни онро боз ҳам васеътар намуд.

Мавзӯи диссертатсияи номзадӣ дар алоқамандӣ бо имконриятҳои илмию эҷодӣ ва дараҷаи ҳавасмандии фикронии Восидиён Ф.С.

мувофиқ интихоб шудааст. Муаллиф бори аввал дар кишвар ба ин масъала аз нигоҳи илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, банақшагирии стратегиро ҳамчун унсури муҳими идоракунии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст.

Аз ин ҷост, ки унвонҷӯ тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффақ шавад.

Диссертатсия дар мавзӯи мубрам «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шуда, талаботи тасдиқкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шудааст.

Дар ниҳояти татбиқи ҳавасмандонаи фаъолияти илмию татдқиқотӣ имконияти расидан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои дар назди тадқиқот гузошташуда ба унвонҷӯ муяссар гардидааст. Ғайр аз рӯи натиҷаҳои илмии дар диссертатсия мавҷудбуда унвонҷӯ дар як қатор конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намуда, афзалиятҳои масъалаи интихобнамудаи худро муаррифӣ кардааст. Инчунин Восидиён Ф.С. вобаста ба мавзӯи интихобнамудаи худ 11-мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшударо ба нашр расонидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КАО) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - «Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01-Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: қисми 1.1. «Иқтисоди сиёсӣ»: қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ – давлатӣ; ҳамбастагии равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар сатҳи миллию давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегия) давлат; қисми 1.3. «Назарияи макроиқтисод»: назарияи рушди

иқтисодӣ; назарияи давраҳои иқтисодӣ ва бухронҳо; назарияи мувозинати макроиқтисодӣ; назарияи идоракунии низомҳои иқтисодӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он; қисми 1.4. «Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ»: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти гузариш ва шаклдигаркунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; интихобҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

Унвонҷӯ, дар ҷараёни пешбурди фаъолияти илмию тадқиқотӣ худро мутахассиси таҳлилгар, дорои малакаи баланди касбии дарёфт ва ҳалкунандаи мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ нишон дода, таҳқиқоти худро бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст ва барои ҳимояи расмӣ тавсия дода мешвад.

Роҳбари илмӣ: номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисоди ҷаҳони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солеҳзода А.А.

Сана: 17.01.2025